Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи С.Т. Мирзоев бо мавзӯи: «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08. – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Савол дар бораи мубрамият будани мавзӯи интихобшудаи С.Т. Мирзоев дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён намеояд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам ЭмомалӣРаҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 15 апрели соли 2009 аз ҷумла таъкид гар-дид: «Тавре ки маълум аст, ҷинояткориро танҳо бо пурзӯр намудани ҷазо барҳам додан ғайриимкон мебошад»[1].

Ҷарима яке аз чораҳои алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣва яке аз намудҳои бештар паҳншудаи ҷазои ҷиноятӣдар мамлакатҳои мухталиф ба ҳисоб меравад. Мушкилоти татбиқи ҷазо дар намуди ҷаримагуногунҷанба мебошад. Он дар худ на танҳо масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, балки масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки бо муайян намудани табиати ин намуди ҷазо, муайян намудани ҳудуди татбиқи он, тамоюли умумии инкишофи он алоқаманд ме-бошанд, дар бар мегирад.

Сохти автореферат дорои ҳамаи фаслҳои зарурӣ ҳаст ва дар он соҳаи предметӣ мантиқан дуруст кушода шудааст.

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 23.

Мақсад ва вазифаҳои мавзӯ бомуффақият интихоб шудааст. Ба ин роҳи дурусти методологӣ мусоидат мекунад.

Манбаи эмпирикии таҳқиқот аз маводи 300 парвандаҳои ҷиноятии дар судҳои ҶТ баррасигардида иборат мебошад, инчунин таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои ҷиноятии нашршуда, ки дар онҳо ба сифати ҷазои асосӣ ва ё иловагӣ ҷарима таъин гардидааст, иттилооти омории Суди Олии ҶТ, инчунин маълумотҳое, ки дар маҷмӯаҳои омории расмии ҶТ нашршудаанд.

Дар тадқиқот проблемаҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мавруди муҳокима қарор дода шудааст ва муаллиф на танҳо онҳоро муҳокима ва роҳи ҳалли онҳоро ёфтааст.

Аз матни автореферат маълум мегардад, ки пешниҳодҳои муаллиф дар диссертатсия дорои навгонии илмии мебошад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣба рушди ҳуқуқи ҷиноятӣва иҷрои ҷазои ҷиноятӣсаҳми муайяне дорад, чунки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот афзоиши донишҳо оид ба ҷазои ҷарима дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣба мушоҳида расид.

Кори илмии муаллиф тасвибияти кофӣ гузаштааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмии муаллиф (аз он 3-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ) нашр ва дар 10 конфронсу семинарҳо чоп шудааст.

Ҳолатҳои дар боло зикргардида дар бораи аз ҷониби худ ва ба итмом расидани тадқиқотро шаҳодат медиҳад.

Аммо боназардошти ҳамаи аҳамиятии натиҷаҳои тадқиқот баъзе нуқтаҳои илмӣ баҳсбарангез мебошанд:

1. Дар нуқтаи 3 муаллиф пешниҳод менамояд, ки андозаи ҳадди ақалли ҷарима то10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки он 580 сомониро ташкил медиҳад кам намудан лозим аст. Аммо дар нуқтаҳои м. 63 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки Дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустаснои вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳгор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ё

ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд ва ҳамчунин дар ҳолати мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ, мумкин аст ҷазо аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида камтар таъин карда шавад ё суд метавонад нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктар таъин намояд ё ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад. Аз ҳамин лиҳоз зарурияти кам кардани андозаи ҳадди ақали ҷарима, ба фикри мо, ба вуҷуд наомадааст.

Дар асоси афкори матраҳшуда, метавон иброз дошт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда худи унвонҷӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08. – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризро омода намуд:
Муовини сардори факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
майори милитсия Бухоризода Б.Р.
«___» ____________ с. 2020

Имзои Бухоризода Беҳруз Рустамро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
полковники милитсия Абдуллозода А.Ё.